**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Икромов Нуриддин Қиёмович дар мавзӯи «Танзими зиддибуҳронии фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – молия, гардиши пул ва қарз пешниҳод шудааст.**

Икромов Нуриддин Қиёмович 21 декабри соли 1965 дар деҳаи Саричашма, ноҳияи Восеъ, вилояти Хатлон дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст.

Миллаташ тоҷик, оиладор: соҳиби 3 фарзанд.

Соли 1983 мактаби миёнаи таҳсилоти умумии №8-и ноҳияи Восеъро хатм карда, моҳи майи соли 1984 ба хизмати ҳарбӣ даъват шуд ва то моҳи июни соли 1986 дар шаҳрҳои Хмелнитский, Львов ва Иванов Франковскии Ҷумҳурии Украина ба итмом расонид. Соли 1987 ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин дохил шуда, соли 1992 бо ихтисоси молия ва қарз Донишгоҳи номбурдаро хатм намуд. Аз охирҳои соли 1992 то 2007 дар Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон адои хизмат намудааст. Аз моҳи августи соли 2007 то ин ҷониб нафақахӯри Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2008 Донишгоҳи (славянии) Тоҷикистону Россияро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Аз соли 2014 то 2018 дар бонки ҶСП “Тоҷпромбонк” ба ҳайси сармутахассиси шуъбаи қарзҳои мушкилситон кору фаъолият намуда, аз соли 2019 то ин ҷониб унвонҷӯи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Икромов Н.Қ. қобилияти баланди эҷодӣ, мустақилона кор кардан ва истифодабарии адабиёти назариявию амалиро доро мебошад, ки дар раванди тадқиқотбарӣ оиди ҷанбаҳои муҳими назариявию амалии танзими зиддибуҳронии фаъолияти бонкӣ исботи худро ёфтааст. Инчунин, ӯ худро

ҳамчун унвонҷӯи поквиҷдон, иҷрокунанда, ростқавл нишон дода, барои пешбурди тадқиқот ҳавасманд мебошад.

Имтиҳонҳои номзадиро бо баҳои хубу аъло супоридааст. Дар рафти навиштани рисолаи номзадӣ аз рӯи мавзӯи тадқиқотӣ 12 мақолаи илмӣ чоп намудааст. Унвонҷӯ худро ҳамчун тадқиқотчии ташаккулёфтаи дорои тайёрии баланди назариявӣ дар самти танзими зиддибуҳронии фаъолияти бонкӣ нишон дода истодааст. Хизмати асосии унвонҷӯ аз он иборат аст, ки вай мавзӯи актуалиро интихоб намуда ва маҳорати таҳлилгарӣ ба вай имкон дод, ки ҳаҷми зиёди маълумотҳои омориро оид ба масъалаи раванди танзимнамоии чораҳои зиддибуҳронии фаъолияти бонкӣ коркард намояд.

Дар тадқиқот маводҳои Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти ҶТ ва дигар сарчашмаҳо, маълумотҳои ташкилотҳои байналхалқӣ, тадқиқотҳои анҷомдодаи институтҳои гуногун, тадқиқоти илмии иқтисодчиён ва дигар маълумотҳо истифода гардидаанд. Тадқиқоти диссертатсионии Икромов Нуриддин Қиёмович ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи илми иқтисодӣ бахшида шудааст. Равандҳои муосири чораҳои зиддибуҳронӣ дар фаъолияти бонкҳо ва фишангҳои таъсиррасон дар фаъолияти бонкҳоро муайян намуда, татқиқоташ ҳамчун падидаи нав дар замони муосир як бахши муҳими ба тамоми илмҳои иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Асосҳои танзими зиддибуҳронии фаъолияти бонкҳоро таҳқиқ ва асоснок намудааст, ки дар зинаи аввал ҷанбаҳои назариявию методологии танзими зиддибуҳронии фаъолияти бонкиро омӯхта, сипас зина ба зина доираи масъалаҳои омӯхташавандаро васеъ намуда, ба масъалаҳои танзими чораҳои зиддибуҳронӣ ва суботи молиявии низоми бонкҳои тиҷоратӣ, ки асоси онро чунин олимони машҳур А. Хендейл, Дж.М. Кейнс, Дж.С.Милл, Джон Хокинс, Ж.Ч. Рошет, Л. Харрис, М.Фридман, П.Сауэлсон, Р. Мэй, Х. Герсбах,Х. Фрейхас, Э.Гилл, Э. Дж. Долан ташкил менамояд, аҳамияти махсусро зоҳир намудааст. Мутаассифона, дар корҳои олимони номбурда назарияи муосирии чораҳои зиддибуҳронӣ дар низоми бонкӣ ва андешаи ягона оид ба низоми батанзимдарории суботи молиявии бонкҳо ҷой надорад,

ки муаллифи рисола ин ҷанбаҳоро низ мавриди тадқиқоти кори илмии худ қарор додааст.

Аҳамияти амалии рисола дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти дар он дарҷгардида ба васеътар шудани донишҳои молиявию иқтисодӣ ва бонкӣ мусоидат карда, як қатор пешниҳодҳои дар рисола овардашуда метавонанд тадбиқи амалии худро дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, ҳамчунин дар фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва сохторҳои ҷамъиятии соҳаи танзими зиддибуҳронии фаъолияти бонкӣ бо дарназардошти манфиатҳои мамлакат истифода шаванд.

Аз ин рӯ, тадқиқоти рисолаи илмии Икромов Нуриддин Қиёсович дар мавзӯи «Танзими зиддибуҳронии фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10. – молия, гардиши пул ва қарз мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** **Обидов Ф.С.,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кори бонкии факултети молиявию иқтисодии ДМТ**

**Имзои д.и.и., профессор Обидов Ф.С.-ро тасдиқ менамоям,**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

*Суроға: 735025, Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, х. Рӯдакӣ, 17.*
*Тел: (+992) 934-37-37-54*